*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-14 назди*
*Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14).*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи "Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи пешниҳоднамудаи Зуҳуров Б.И. ба масъалаи дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст. Мавзӯи тадқиқот дар замони ҳозира хеле муҳим буда, дар шароити татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ аҳаммияти калон айдо мекунад.

Дар диссертатсия моҳияти захираҳои табиӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифта, зарурати истифодаи онҳо дар асоси принсипҳои илман асоснок ва меъёрҳои экологӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо истифода аз маводи оморӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ ва таҳлили вазъи воқеӣ дар вилояти Хатлон, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

Ҷанбаҳои илмии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки унвонҷӯй ба таҳияи самтҳои такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ саҳми калон гузоштааст. Арзиши амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои мақомоти давлатӣ, сохторҳои иқтисодӣ ва хоҷагиҳои истеҳсолӣ дар вилоят ва ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки ба даст овардани фоида аз истифодаи самараноки сарватҳо ҳамчун сарчашмаи иловагӣ муҳити фаъолияти хоҷагидориро боз ҳам хубтар менамояд. Онҳо метавонанд инчунин барои рушди минбаъдаи минтақаи Хатлон воситаи хуби ҳамкориҳои судманд бо дигар минтақаҳо гарданд.

Дар тадқиқот инчунин қайд карда мешавад, ки барои ба даст овардани самараи синергетикӣ дуруст истифода бурдани сарватҳои табиӣ, инчунин идоракунии самарабахши тамоми иқтидори моддию молиявиро талаб мекунад. Идоракунии оқилонаи равандҳои истифодаи табиат яке аз самтҳои муҳими сиёсати дохилии мамлакат мебошад. Идоракунии самарабахши сарватҳои кишвар самти афзалиятноки татбиқи афзалиятҳои минтақавӣ ва миллӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферат бо услуби илмӣ навишта шуда, дорои сохтори мантиқӣ ва асосноки назариявӣ мебошад. Маводҳои истифодашуда бо

маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ тасдиқ ёфтаанд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф илман далелнок буда, ба ҳадафҳои тадқиқот дар шароити кунунӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари мавҷудияти ҷанбаҳои илмиву методӣ дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1. Хуб мешуд, агар мисолҳои рақамӣ ва муқоисавӣ бо дигар минтақаҳо пурра пешниҳод мешудаанд.

2. Мафҳумҳои назариявӣ хуб ифода ёфтаанд, вале беҳтар мешуд агар бархе аз истилоҳот бо шарҳҳои амиқтар мукаммал мегардиданд.

Бо дарназардошти муҳтавои илмӣ ва аҳамияти амалӣ, бояд хулоса кард, ки диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи Низомномаи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи "Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Содиқзода П.

«02» 09 2025 с.

Имзои Содиқзода П.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Телефон: +992 372 21 77 11, E-mail: info@tnu.tj

«02» 09 2025 с.